# МАКТАБИ ИЛМИИ УЗВИ-ВОБАСТАИ АКАДЕМИЯИ БАЙНАЛХАЛҚИ ИЛМҲОИ МАКТАБҲОИ ОЛӢ, ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ФИЗИКАЮ-МАТЕМАТИКА, ПРОФЕССОР САТТОРОВ АБДУМАНОН САТОРОВИЧ

## 1. *Мухтасар таърихи мактаби илмӣ*

Дар солҳои 70-уми асри XX олимони барҷастаи шӯравӣ В.А. Ильин, А.Я. Александров, Н.М Смирнов ва Ю.П. Соловёв масъалаҳои назарияи чандирии фазоии тири симметри ва муодилаҳои навъи омехтаро таҳқиқ карда, натиҷаҳои баланди илмиро ба даст овcovered. Дар ҳамин давра Л.Г. Михайлов, мудири Шуъбаи физикаю математикаи назди Президиуми АИ ҶШС Тоҷикистон, ба омӯзиши муодилаҳои дифференсиалии ҳосилаҳои хусусӣ бо коэффитсиентҳои сингулярӣ машғул буд. Бо дар назардошти аҳамияти васеъи ин масъала шогирди Л.Г. Михайлов, Нусрат Раҷабов таҳқиқи масъалаҳои канориро барои муодилаҳои бо каэффитсиентҳои сингулярӣ ҳангоми манфи будани каэффитсиентҳои муодила ба уҳдаи Сатторов Абдуманон Сатторович вогузошт.

Дар ҷараёни тадқиқот Устод Сатторов Абдуманон Сатторович муайян намуд, ки тасвири интегралии ҳалли муодилаи Эйлер–Пуассон–Дарбу ҳангоми манфи будани коэффитсиенти он барои ҳалли масъалаҳои намуди Дирехле ва Нейман татбиқ шаванда мебошад. Устод Сатторов Абдуманон Сатторович ҳангоми манфи будани коэффитсиенти муодилаи Эйлер–Пуассон–Дарбу формулаи баръакси тасвири интегралиро муайян намуда дар ҳали масъалаҳои канори татбиқ намуд. Ин натиҷаҳои илмӣ асоси рисолаи номзадии ӯро ташкил доданд.

Профессор Сатторов Абдуманон Саторович барои рушди ин мактаби илмӣ бо олимони маъруфи дохил ва хориҷи кишвар ҳамкории зичро ба роҳ монд. Аз ҷумла, бо олимони барҷастаи сатҳи ҷаҳонӣ: Ф.Д. Гахов, М.М. Смирнов, В.А. Ильин, А.В.Битсазе, М.С. Салоҳиддинов, А. Ҷураев, А.П. Солдатов, Ю.П Кривенков, О.И. Маричев, ва дигаронро метавон номбар кард. Ҳамкории онҳо дар тайёр кардани кадрҳои илмии соҳаи муодилаҳои дифференсиалӣ бо коэффитсиентҳои сингулярӣ ва муодилаҳои навъи омехта барои инкишофи олимони Тоҷикистон саҳми арзанда гузошт.

**2.** ***Тарҷумаи ҳоли роҳбари мактаби илмӣ***



**Сатторов Абдуманон Сатторович** - риёзидон, доктори илмҳои физикаю математика (1990), профессор (1992), узви вобастаи Шуъбаи Академияи байналмилалии мактабҳои олӣ (1995), 1-уми апрели соли 1946 дар деҳаи Сурхакчашма ноҳияи Ҳисор таввалуд шудааст.

Соли 1967 Сатторов Абдулманон Сатторович баъд аз бо мувваффақият хатм намудани факултаи механикаю-математикаи ДМТ уро ҳамчун хатмкунандаи аълочӣ ба аспирантура тақсимот намуданд. Ҳамон сол имтиҳонҳои дохилшавии аспирантураро бо мувафақмят супорида таҳсилро дар Донишгоҳи давлатии Москва зери роҳбарии академик Ильин В.А. огоз намуд.

Моҳи декабри соли 1967 аз аспирантура ба сафи армияи собиқ иттиҳоди шурави даъват намуданд. Хизматро то моҳи декабр соли 1968 дар Ҷумҳури Чехославакия ба охир расонид.

Пас аз баргаштан аз сафи армия ба ҳайси муаллими кафедраи назарияи функсияҳо ва таҳлили математикии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба фаъолияти омузгори шуруъ намудааст. Солҳои 1971-1973 таҳсилро боз дар аспирантура давом дод.

Дар ин муддат таткиқоти илмӣ дар мавзуъи “Татқиқи масъалаҳои асосҳои канории муодилаҳои диффренсиали бо хати сингулярӣ” зери роҳбарии академик Н.Раҷабов идома дод, соли 1980 рисолаи номзадиро ҳимоя намуд. Аз соли 1980 то соли 1987 дар вазифаи додсенти кафедраи назарияи функсияҳо ва таҳлили математикии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон иҷрои фазифа намудааст. Солҳои 1987-1990 дар докторантураи Донишгоҳи давлатии шаҳри Ленинград ба номи А.А.Жданов зери роҳбарии профессор М.М.Смирнов рисолаи доктории худрор дар мавзуи “ Тасвири интеграли ва ҳалли масъалаҳои канори барои муодилаҳои омехтаю сингулярии тартибҳои дуюм ва чор” ба анҷом расонида, соли 1990 рисолаи доктириро дар Донишгоҳи Давлатии Ленинград ба номи А.А.Жданов ба мувваффакият ҳимоя намуд.

Аз соли 1991 то соли 1996 дар Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон вазифаи ҷонишини аввали проректор оид ба корҳои илмиро ба уҳда доштанд.

Соли 1992 сазовори унвони профессор ва соли 1995 узви-вобастаи академияи байналхалқи илмҳои мактабҳои оли интихоб гардидааст.

Аз соли 1996 то 2002-ум ба ҳайси проректори илм ва робитаҳои берунаи Донишкадаи соҳибкори ва хизмат шуда кор кардааст.



Аз соли 2002-ум боз ба Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон даъват шуда то моҳи марти соли 2005-ум, ҷонишини проректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлаи миллии Тоҷикистонро иҷро намуд.

Аз моҳи марти соли 2005 то соли 2014 вазифаҳои мудири шуъбаи " Муодилаҳои диффренсиалӣ ва татбиқи амалии он"-ро ба уҳда дошт.Аз соли 2014 то имруз дар вазифаи профессори кафедраи математикаи олии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон хизмат карда истодааст.

Аз соли 2021 то моҳи марти соли 2025 ҷонишини раиси шурои эксперти комиссияи олии атестатсионии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.



Сатторов Абдуманон Сатторович аввалин олими тоҷик аст, ки муодилаҳои дифференсиалӣ бо коэффисиентҳои сингуляриро дар ҳамҷоягӣ бо муодилаҳои навъи омехта татқиқ намудааст, дар ин ҷода натиҷаҳои назаррас ба даст овардааст. Ӯ корҳои илмии худро дар бисёр конфренсияҳои илмии сатҳи байналмилали, Ҷумҳуряви ва донишгоҳи  пешниҳод намудааст.

Сатторов Абдуманон Сатторович зиёда аз 200 мақолаҳои илмӣ ва 7 монография ва китобҳои дарсӣ навиштааст. Мақолаҳои илмии ӯ дар нашриётҳои байналмилали, умумииттифоқи,

Ҷумҳурияви ва маҷалаҳои тақриз шавандаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар нашриётҳо ба забонҳои тоҷики, англисӣ ва русӣ чоп шудааст.

3. ***Самтҳои асосии таҳқиқотии мактаби илмӣ***:

- Равияи илмии профессор А.С.Сатторов "Татқиқи муодилаҳои диффренсиали намудии омехта бо коэффитсиентҳои сингуляри" мебошад ва дар ин ҷода натиҷаҳои зиёди илми ба даст оварда тавонистааст, ки Муодилаҳои дифференсиалӣ намуди омехтаро бо муодилаҳои диффренсиали бо хатҳои сингуляри ангезиш дода дар якҷояги равияи нви илмиро ба вуҷуд оварад;
- Китобҳои дарси ва мақолаҳои илмии профессор А.С.Сатторовро дар бисёр мактабҳои олии ҷумҳури ва олимони соҳаи математикаи ватанию хориҷи истифода мебаранд.
- Дар давоми фаъолияти муҳақиқиву омузгориаш А.С.Сатторов тавонистааст, ки ҳазорҳо шогирдони асили худро ба роҳи неку одамият ҳидоят намояд. Ҳоло қисми зиёди шогирдони устод дар вазифаҳои баланди давлатию роҳбари хизмат карда истодаанд. Равияи илмии устод А.С.Сатторов чунин аст:
- Муодилаҳои дифференсиалӣ бо коэффисиентҳои сингулярӣ
- Татқиқи муодилаҳои навъи омехта дар як ҷоягии муодилаҳои сингулярӣ;
- Муодилаҳои диффренсиали таназзулёбандаи ҷинси як;
- Муодилаҳои дифренсиали таназзулёбандаи ҷинси ду;
- Муодилаҳои дифренсиали таназзулёбандаи ҷинси омехта;
- Муодилаҳои дифренсиали таназзулёбандаи қисман хатти (квазихатти).

4. ***Дастовардҳои назариявӣ ва амалии мактаб***

Дастовардҳои назарраси мактаби илмии профессор А.С.Сатторов хеле зиёданд. Китобҳои навиштаи уро дар мактабҳои олии Ҷумҳури ба ҳайси китоби дарси истифода мебаранд. Ҳоло ӯ ба ҳайси профессори кафедраи «Математикаи олӣ»-и факултети механикаю математикаи Донишгоҳи милли Тоҷикистон ва роҳбари илмии мавзуъи илмӣ-тадқиқотии "Муодилаҳои диффренсиалии таназулёбанда ва тадбиқи он" фаъолият намуда бо корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва омодасозии кадрҳо машғул мебошад. Бо роҳбарии ӯ зиёда аз 12 нафар рисолаи номзади, доктор Ph ва магистриро анҷом доданд.



5. ***Ҳамкориҳо ва таъсири мактаби илмӣ дар дохил ва хориҷи кишвар***

Мактаби илмии профессор А.С.Сатторов бо як қатор муассисаҳои илмӣ ва илмӣ-тадқиқотии дохил ва хориҷи кишвар ҳамкории зич дорад. Аз ҷумла, бо Донишгоҳи давлати шаҳри Маскав, бо Донишгоҳи давлатии Санк-Петербург, бо Донишгоҳи давлатии шаҳри Минск, бо Донишгоҳи давлатии шаҳри Қазон, бо Донишгоҳи давлатии шаҳри Бухоро, бо Донишкадаи давлатии иқтисод ва идораи Тоҷикистон, бо Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, бо Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон, бо Донишгоҳи давлатии шаҳри Бохтар ба номи Н.Хусрав, бо Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров,, бо Донишгоҳи давлатии шаҳри Кулоб ба номи А.Рудакӣ бо Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров ва дигар муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ мебошад.

Самараи ин ҳамкориҳо дар он аст, ки шогирдони мактаби илмии устод А.С.Сатторов дар донишгоҳҳо кор ва фвъолияти илми карда истодаанд ва дар конфронсҳои сатҳи ҷаҳонӣ бо маърӯзаҳои

илмӣ баромад намуда, дастовардҳои ин мактаби илмиро ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунанд.

6. **Саҳми илмӣ ва корҳои муҳими илмӣ.**

Профессор А.С.Сатторов ва шогирдони мактаби илмии У, дорои шумораи зиёди мақолаҳои илмӣ мебошад, ки дар маҷаллаҳои ватани ва хориҷи тақризшаванда нашр шудаандМақолаҳои нашршуда асосан ба самтҳои таҳқиқотии муодилаҳои дифференсиалӣ бо коэффисиентҳои сингулярӣ, навъи омехта, муодилаҳои дифференсиалӣ таназулёбанда ва тадқиқи масъалаҳои канори бахшида шудаанд. Натиҷаҳои илмии Устод А.С.Сатторов ва шогирдони мактаби илмии ӯро, олимони шинохтаи соҳаи муодилаҳои диффренсиали эътироф менамоянд. Дар раванди таҳсил ва фаъолияти илмию эҷоди профессор А.С.Сатторов ба ҷоизаҳо ва мукофотҳои зиёд сазовор дониста шудааст.